Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Дар замони имрӯза рушди бемайлони иқтисодиёти ҷаҳонӣ, илму техника, соҳаи саноату кишоварзӣ боиси афзудани партовҳо ва дигар омилҳои таъсиррасонии инсон ба муҳити зист мешавад, ки ба ташаккул ва инкишофи функсияи экологии давлат мусоидат менамояд. Таҳлили амиқи илмии масъала метавонад мушкилоти мазкурро бартараф созад.

Масъалаҳои экологӣ яке аз мушкилоти муҳимми сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб мeёбанд. Бояд зикр намуд, ки дар замони муосир масъалаҳои экологӣ на танҳо аҳаммияти дохилидавлатӣ, балки минтақавӣ ва байналмилалиро касб намудаанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намудааст, ки ҳалли масъалаҳои экологӣ танҳо дар мавриди фаъолияти дастаҷамъонаи давлатҳо натиҷаи самаранок медиҳад. Ҳамзамон, ҳифзи муҳити зист ин вазифаи ҳар шахс мебошад.

Ифлосшавии ҳаво, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва парандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, бӯҳрони экологӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб мекунанд. Бинобар ҳамин,

таҳқиқи масъалаи функсияи экологии давлат дар шароити муосир ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам мебошад.

Беҳуда нест, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба масъалаҳои муҳити зист (банди 4.5) диққати махсус дода шудааст. Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд менамоянд, ки «зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем». Бо ин назардошт, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти муаллиф дар шароити муосир мубрам ба ҳисоб меравад.

Яке аз муҳимтарин соҳа дар ҳаёти ҷомеа, ки зарурати таҳияи консепсияи нави функсияи давлат ва механизми амалишавии онро ҳангоми рушди устувор таъмин менамояд, соҳаи табиатистифодабарӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, дар фазои муносибатҳои экологӣ мавҷуд набудани функсияи экологии давлат, ки заминаи асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ташкил менамояд, бисёр хатарнок мебошад. Дар ҳолати ба таври дахлдор амалӣ нагардидани функсияи экологии давлат метавонад боиси нобудшавии бемайлони захираҳои табиӣ, ифлосшавии муҳити зист, гармшавии иқлим, обшавии пиряххо ва дар умум бухрони экологӣ гардад.

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки институти функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир яке аз масъалаҳои умдаи ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Ба ин минвол, ба роҳ мондани як қатор чораҳои судманд ва зарурӣ дар ин самт, ки метавонад роҳи ҳалли камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта шавад, инчунин бахри боз ҳам рушду равнақ бахшидани

соҳаи мазкур таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода М.А. мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ фаро гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст фаррох истифода бурда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри танзими институти функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

1. Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия тавре ки ба назар мерасад, диссертант ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро зимни таҳия кам ба инобат гирифтааст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соҳаи экологӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

2. Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлои ба назар мерасад, ки ба Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 тасдиқ гардидаанд, риоя нагардидааст, муаллифро зарур аст, ки минбаъд ба ин паҳлуи масъала диққати асосӣ диҳад.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Қодирзода Мирзоқодир Аюб ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Такриздиҳанда:**
Мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Элназаров Д.Х.

Имзои Д.Х. Элназаровро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов А.А.

ОТДЕЛ КАДРОВ

«2» 05 2023 с.

**Суроға:** 734024, ш. Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: +992 227-53-37, 227-86-48
E-mail: p.rektora@mail.ru, sabkar@list.ru
Факс: 221-35-50